**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 54/2с

аз «16» 04 соли 2025

Вазорати энергетика ва захираҳои
оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани мӯҳлати машварати оммавӣ оид ба огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»

Маркази миллии қонунгузорӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардидаро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2025 ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи мазкур аз 17 март то 16 апрели соли 2025 гузаронида шуд.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардидааст. Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни зикргардида, субъекти таҳиякунанда оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ дорад.

Дар сурати қабули қарор оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқи банди 12 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст, дар хусуси оғози машварати оммавӣ субъектҳои манфиатдорро тариқи хаттӣ огоҳ созед.

Бо эҳтиром,
муовини якуми директор Соҳибзода М.М.